Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# САДОИ МАРДУМ

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 108 (4528) | ЧОРШАНБЕ, 31 АВГУСТИ СОЛИ 2022 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

Маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон





## ИТТИЛОИЯ

**30 августи соли 2022 таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

Дар он нахуст ҳисоботи вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019 «Дар бораи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» шунида шуд.

Таъкид гардид, ки «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» ҳамчун як ҷузъи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ҷиҳати дар амал татбиқ кардани сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ ва дар ин замина, таъмини суботи иҷтимоию иқтисодӣ аҳамияти калон дорад. Он фарогири маҷмӯи тадбирҳоест, ки барои мусоидат ба шуғли аҳолӣ шароит фароҳам оварда, ба ин васила, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар замина мегузорад.

Иҷрои дурнамои маҷмӯии нишондиҳандаҳои «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» таи солҳои 2020 - 2021 ва нимсолаи аввали соли 2022 -юм 99,8 фоиз таъмин карда шудааст.

Тайи ин муддат 402 шаҳрванд муроҷиат карда, дар доираи татбиқи барномаи мазкур дар маҷмӯъ 179 ҳазору 240 нафар бо ҷои кор таъмин гардиданд. Ба 32 ҳазору 358 шаҳрванд ба муддати се моҳ кумакпулӣ барои бекорӣ пардохт карда шуд.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2020-2021 ва семоҳаи якуми соли 2022 дар Тоҷикистон дар соҳаҳои иқтисодиёт 421 ҳазору 726 ҷои нави кор таъсис дода шуд, ки аз ин 156 ҳазору 623 ҷои кори доимӣ мебошад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ супориш доданд, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои саривақтӣ ва пурраи нишондиҳанда ва чорабиниҳои «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2022» - ро таъмин намоянд.

Сипас, аъзои Ҳукумати мамлакат лоиҳаи як қатор қонунҳо, аз ҷумла «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва хулосаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва «Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ» - ро таҳлил ва барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намуданд.

Масъалаҳо «Дар хусуси Конвенсияи қолабӣ оид ба одоби сайёҳӣ», «Дар бораи Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042» ва «Дар бораи минтақаи сайёҳии Роғун» низ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои дастурҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои Паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ, омодагии ҳамаҷониба ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2022 - 2023, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, захираи кофии маҳсулоти озуқаворӣ, сӯзишворӣ, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ҷиҳати истиқболи сазовори ҷашни 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҳукумати кишвар, роҳбарияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва вазорату идораҳои давлатӣ супоришҳои мушаххас доданд.

## НОМАҲОИ ҲАМДАРДӢ

**29 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон муҳтарам Ориф Алвӣ номаи ҳамдардӣ ирсол намуданд, ки дар он омадааст:**

**«Ҷаноби Олӣ!**

Хабари фавти шумораи зиёди одамон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон бар асари обхезиҳои харобиовари охир боиси андуҳи бепоёни мо гардид.

Бинобар ин мусибати гарон ба Шумо, аҳли хонавода, ҳамаи пайвандону наздикони фавтидагон ва мардуми дӯсти Покистон таъзияи амиқ ва тасаллиятҳои сидқии худро иброз менамоям.

Аз даргоҳи Худованд барои ҷонбохтагон раҳмату мағфират ва ба ҳамаи осебдидагон шифои оҷил хоҳонам».

---

**31 августи соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинобар даргузашти Михаил Горбачёв ба пайвандону наздикони марҳум изҳори ҳамдардӣ намуданд, ки дар он омадааст:**

«Хабари даргузашти Михаил Сергеевич Горбачёв боиси андуҳи мо гардид. Таъзия ва тасаллиёти самимии ин ҷонибро ба ҳамаи пайвандон ва наздикони марҳум иброз намуда, дар ин лаҳзаҳои ҳузнангез ба онҳо сабри ҷамил хоҳонем».

## МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ

**30 августи соли 2022 дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи ҷашни 31- солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарону кормандони сохтору мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, низомӣ ва судии кишвар, ки дар фаъолияти корӣ дастовардҳои назаррас доранд, мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рутбаҳои навбатии ҳарбиро супориданд.**

Қабл аз оғози маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба муносибати ҷашни миллии 31 - солагии Истиқлолияти давлатӣ таҳният гуфта, таъкид намуданд, ки тибқи анъанаи нек мо ҳар сол дар остонаи таҷлили солгарди Истиқлолияти давлатӣ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, яъне афсарону сарбозони шуҷоъ ва содиқи Ватанро барои далериву ҷасорат ва хизматҳои шоён дар назди давлат ва халқи Тоҷикистон қадрдонӣ менамоем.

«Мо имрӯз бо ифтихор иброз медорем, ки хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон вазифаҳои хизматии худро бо эҳсоси гарми ватандӯстӣ, ҳисси баланди миллӣ, бо садоқат ба халқу давлати Тоҷикистон ва савганди ёдкардаи худ иҷро карда истодаанд», - таъкид намуданд Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Даврони соҳибистиқлолӣ, яъне 31 соли гузашта ва хусусан солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ, барои мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, солҳои озмоиши ҳисси миллӣ, эҳсоси ватандорӣ ва иродаву матонат буданд. Дар ин давраи бисёр мураккабу ҳассоси таърихи давлатдории навини халқи тоҷик афсарону сарбозони далеру шуҷои Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар барқарорсозии сохти конститутсионӣ, мубориза беамон бар зидди хоинони Ватан ва гурӯҳҳои ҷиноятпеша, таъмин намудани сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ нақши барҷаста бозиданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо эътимоди қавӣ нисбат ба афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, иброз доштанд, ки барои идомаи бомароми раванди созандагӣ ва ҷиҳати боз ҳам пешрафта гардидани давлати соҳибихтиёри мо хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ки сипари боэътимоди давлат ва ҳомии қонуniяту тартиботи ҷамъиятӣ мебошанд, бояд беш аз ҳар вақти дигар ҳушёру зирак ва омодаи ҳифзи амният, оромӣ ва суботи ҷомеа бошанд.

Ҳамин тавр, дар фазои тантанавӣ барои дастовардҳои баланди хизматӣ ва фаъолияти самаранок, беш аз 180 нафар роҳбарону намояндагони мақомоти қудратӣ, низомӣ, амниятӣ ва судии кишвар аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, ордени Спитамен дараҷаи 1, ордени Спитамен дараҷаи II, ордени Шараф дараҷаи I, ордени Шараф дараҷаи II, медали Ҷасорат, медали Хизмати шоиста, медали Шафқат, медали Марзбони шуҷои Тоҷикистон, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рутбаҳои навбатии ҳарбӣ, ҳарбии олӣ, дараҷавӣ ва махсус қадрдонӣ шуданд.

Дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ҳокимияти судӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» се нафар бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, як нафар бо ордени Спитамен дараҷаи I, 13 нафар бо ордени Спитамен дараҷаи II, як нафар бо ордени Шараф дараҷаи I, 10 нафар бо ордени Шараф дараҷаи II, 42 нафар бо медали Ҷасорат, 61 нафар бо медали Хизмати шоиста, ду нафар бо медали Шафқат, як нафар бо медали Марзбони шуҷои Тоҷикистон, 23 нафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардиданд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи додани рутбаҳои навбатии ҳарбӣ, ҳарбии олӣ, дараҷавӣ ва махсус» ба 23 нафар роҳбарону намояндагони мақомоти қудратӣ, низомӣ, амниятӣ ва судии кишвар рутбаҳои навбатии махсуси «генерал - лейтенанти милитсия», «генерал - майори милитсия», «генерал - майор», «генерал - майори адлия», рутбаи дараҷавии «мушовири давлатии адлияи дараҷаи 3», «генерал -майори хадамоти гумрук» ва «генерал-майори хизмати дохилӣ» супорида шуд.

Дар маросими мукофотсупорӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи нафаронеро, ки барои фаъолияти пурсамар дар роҳи таъмини амну субот, тартиботи ҷамъиятӣ ва волоияти қонун аз ҷониби роҳбарияти Давлату Ҳукумати мамлакат бо мукофотҳои олӣ қадрдонӣ гардиданд, самимона табрик гуфтанд.

Пешвои миллат бо эътимоди комил изҳор доштанд, ки ҳар яки шумо дар оянда низ тамоми қудрату тавоноиро барои ҳифзи Ватани маҳбубамон, ки шуморо дар канораш парваридааст ва халқи Тоҷикистон, ки шуморо ҳомии зиндагии осудаву ороми худ медонад, дареғ намедоред.

Таъкид гардид, ки фарзандони содиқи Ватан вазифаҳои хизматии худро дар назди давлат ва халқи Тоҷикистон минбаъд низ бо масъулияти баланд, эҳсоси ватандӯстиву ватанпарварӣ, ҳушёрии касбӣ ва зиракии сиёсӣ иҷро менамоянд.

---

**www.president.tj**

## ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

**31 августи соли 2022 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**



Он бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бунёд гардида, барои 1500 хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст.

Бинои асосии мактаб, ки аз се ошёна иборат аст, дорои 30 синфхона ва озмоишгоҳҳои муосири фаннӣ буда, синфхонаҳои таълимӣ, аз ҷумла синфхонаҳои химия, биология, физика, география, математика, асосҳои кор бо компютер, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ҳунаромӯзӣ, бо технологияи пешрафта ва воситаҳои муосири илмомӯзӣ муҷаҳҳаз мебошад.

Дар муассисаи таълимӣ 73 омӯзгор ба таълиму тарбияи хонандагон машғул буда, раванди таълим ба воситаи 90 камераи мушоҳидавӣ, ки дар синфхонаҳо насб шудааст, пурра назорат карда мешавад.

Мактаб, ҳамчунин, дорои ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорон, китобхона, бунгоҳи тиббӣ, ошхонаи замонавӣ бо 160 ҷои нишаст, толори маҷлис бо 280 ҷои нишаст ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Толори варзишӣ бо фарогирии 200 ҷои нишаст барои машқу тамрини навъҳои гуногун пешбинӣ шудааст.

Аснои шиносоӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ҳайати омӯзгоронро ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ҳидоят карданд. Таъкид гардид, ки ба истифода додани чунин муассисаи таълимии дорои шароити муосири таҳсилот, аз ҷумла таъминот бо технологияи инноватсионӣ ва ба роҳ мондани роҳу усулҳои пешрафтаи таълим, бешубҳа, ба болоравии сатҳи донишомӯзӣ ва тавсеаи ҷаҳонбинии хонандагон мусоидат намуда, ба рушди қобилияти зеҳнӣ ва навоварии насли наврас заминаи воқеӣ мегузорад.

Дар ҳудуди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 12, ки 1,12 гектарро ташкил медиҳад, дар фазои кушод майдончаи варзишӣ барои бозии футбол, волейбол ва баскетбол низ сохта шудааст, ки дорои шароити мусоиди машқу тамрин мебошад.

Ёдовар мешавем, ки бинои қаблии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №12-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе дар ҳолати ногувор қарор дошта, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуд, аз ин рӯ он пурра бартараф карда шуд. Бо бунёди иншооти нав мушкилоти чандинсолаи омӯзгорону хонандагон дар самти норасоии ҷои нишаст ва набудани шароити мусоиди таълим ҳал гардид. Акнун, хонандагон метавонанд, дар синфхонаҳои барҳавою муҷаҳҳаз ба омӯзиши илму дониш машғул шаванд.

Соли равон мактабро 60 нафар хатм намудааст. Аз шумораи умумии хатмкунандагон 56 нафар ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохил ва хориҷи мамлакат шомил шуданд ва ин нишондод дар қиёс бо дигар муассисаҳои таълимӣ хуб арзёбӣ мегардад.

Иштироки хонандагони муассисаи таълимӣ дар олимпиадаҳои фаннӣ назаррас буда, соли равон 7 нафар хонандаи мактаб дар олимпиадаҳои фаннии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва шаҳрӣ сазовори ҷойҳои намоён шуданд.

Солҳои минбаъда низ дар доираи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 35 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе сохтмон ва ба истифода додани мактабҳои нав ва биноҳои иловагӣ дар назар дошта шудааст, ки ин раванд сатҳи таълиму тарбия ва шароити илмомӯзиро боз ҳам беҳтар хоҳад кард.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# ИФТИТОҲИ ИНШООТИ НАВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

(Идома аз саҳ. 1)

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, инчунин бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 48 дар ноҳияи Шоҳмансурро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Он дар доираи чорабиниҳои идона ба муносибати 31 - солагии Истиқлолияти давлатӣ дар асоси дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд ёфта, барои 1280 хонанда дар ду баст дар чаҳорчӯбаи иқдомҳои бунёдкориву созандагии шаҳрдории пойтахти мамлакат сохта ба истифода дода шуд.



Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои ошноӣ бо шароити таҳсил дар муассиса масъулони бахши маориф ва ҳайати омӯзгоронро бобати истифодаи имкониятҳои фароҳамшуда ба хотири илмомӯзии муҳассилин вазифадор сохтанд.

Бинои таълимӣ аз 4 ошёна ва таҳхона иборат буда, дорои 31 синфхонаи кушоду муҷаҳҳаз мебошад. Синфхонаҳои замонавии таълими меҳнату мусиқӣ, озмоишгоҳҳои химия ва физика, синфхонаҳои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва компютерӣ, синфхонаҳои биология, омодагии дифои ҳарбӣ ва лингафонӣ асоси бинои нави таълимиро ташкил дода, ҳуҷраҳо бо таҷҳизоту лавозимоти муосири таълимӣ таъмин мебошанд.

Дар бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 48 толори варзишӣ бо 200 ҷои нишаст ва беҳтарин шароити машқу тамрин, толори барҳавою замонавии маҷлисгоҳ барои 390 нафар, ошхона бо 220 ҷои нишаст, китобхонаи мактабӣ бо фонди китоби зиёда аз чоруним ҳазор адабиёти бадеӣ ва китобхонаи электронии пайваст бо шабакаи ҷаҳонии интернет низ бунёд шудааст.

Фармоишгари бинои иловагии таълимӣ Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва пудратчӣ Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Мир-Соз» буда, зимни сохтмон давоми як сол дар он бештар аз 300 сохтмончӣ бо кор таъмин буданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз муассиса ба сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, таъкидан иброз доштанд, ки маориф дар сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми шоиста касб намудааст. Зимнан аз насли наврас танҳо тақозо мегардад, ки аз имкониятҳои мавҷуда мақсаднок истифода баранд ва баҳри шукуфоии бештари сарзамин талош варзанд.

Бояд гуфт, ки муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 48-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе соли 1975 бунёд гардида, дар он 4 ҳазор хонанда таҳсил мекунанд. Масъалаи норасоии ҷои нишаст дар он ба мушоҳида мерасид.

Дар натиҷаи ҳидоятҳои созандаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мавриди истифода қарор гирифтани бинои иловагии таълимӣ ин мушкилоти сокинони атроф ҳал гашта, дар ин даргоҳ шароити мусоиди илмомӯзӣ барои хонандагон фароҳам оварда шуд.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ, ҳамчунин дар ноҳияи Синои пойтахт Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи Умари Хайём»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Он дар кӯчаи Ҷаббор Расулов дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 35- солагии Истиқлолияти давлатӣ ва иқдомҳои бунёдкоронаи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бунёд ёфтааст.

Тибқи лоиҳа, муассисаи нави таълимӣ барои 1200 нафар хонанда дар як баст пешбинӣ гардида, он аз 8 бинои 3 ва 4 - ошёнаи бо ҳам пайваст иборат мебошад. Литсей дорои 70 синфхонаи муҷаҳҳази фаннӣ буда, бо ифтитоҳи он 150 нафар бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин гардиданд, ки аз он 70 нафараш омӯзгор мебошад.

Таълимгоҳ дорои озмоишгоҳҳои замонавии фаннӣ, синфхонаҳои алоҳидаи химия, биология, физика, компютерӣ, робототехника, китобхона, мусиқию рассомӣ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон мебошад ва барои гузаронидани таҷрибаҳои гуногун дар онҳо дастгоҳу аёнияти зарурӣ насб шудаанд.

Дар таълимгоҳ бо мақсади татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», солҳои 2020 - 2040 имконоти фарох муҳайё мебошад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити муосири донишомӯзӣ дар литсей ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, иқдомҳои роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо дар самти такмили инфрасохтори соҳаи маориф намуна арзёбӣ карданд.

Дар муассиса тарбияи хонандагон мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, бо мақсади тарбияи дурусти насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва хештаншиносӣ омӯзгорони соҳибтаҷриба ба кор ҷалб гардидаанд.

Синфхонаи компютерии муассиса бо технологияи муосир муҷаҳҳаз гардида, бо мақсади омӯзондани хуби он ба хонандагон дастгоҳу аёнияти зарурии таълимӣ муҳайё мебошад.

Китобхонаи замонавии литсей бо адабиёти дарсӣ ва бадеӣ таъмин буда, барои хонандагон толори алоҳидаи хониш ва китобхонаи электронӣ ташкил гардидааст, ки толибилмон метавонанд ба адабиёти ҷаҳонӣ ҳам дастрасӣ пайдо намоянд.



Таълимгоҳ дорои синфхонаи омодагии дифои ҳарбӣ, синфхонаи алоҳидаи омӯзиши шоҳмот, бунгоҳи тиббӣ, як толори калони маҷлисӣ бо 240 ҷой, толори хурди маҷлис ва ошхона бо 300 ҷои нишаст низ мебошад.

Дар литсей бо мақсади омӯзиши касбу ҳунар синфхонаҳои алоҳидаи таълими меҳнат оид ба коркарди чӯб ва металл ташкил гардидааст. Синфхонаҳои таълими меҳнати духтаронаю писаронаи даргоҳи маърифат дорои шароити зарурӣ барои омӯзиши касбҳои дуредгарӣ, кандакорӣ, дӯхтани сарулибоси миллӣ буда, хонандагон бо роҳнамоии омӯзгорони ботаҷриба баробари омӯзиши фанҳои гуногун, касбу ҳунарҳои навро аз худ мекунанд.

Толори варзишии литсей 130 ҷои нишаст дошта, бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ҷалби ҳар чӣ бештари хонандагон ба варзиш ду майдончаи варзишии тобистона низ бунёд ёфтааст. Дар саҳни литсей роҳрав барои давидан ба масофаи 75 метр низ мавҷуд мебошад.

Биноҳои таълимгоҳ бо маркази гармидиҳӣ пайваст буда, гармии синфхонаҳо дар айёми сардӣ пурра таъмин карда мешавад.

Ба фаъолият оғоз кардани литсейи нав дар шаҳри Душанбе идомаи мантиқии сиёсати муваффақи маорифпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушди соҳаи маориф, беҳтар намудани сатҳу сифати таҳсилот ва ҷорӣ кардани усулҳои муосири таълиму тарбияи хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ мебошад.

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои оғози сохтмони бинои Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе асос гузоштанд.**

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаи тарҳи бунёди бинои филиали донишкада шинос шуданд.

Тибқи иттилоъ байни Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар асоси мулоқотҳои дуҷониба ва мувофиқаи тарафҳо бо мақсади ифтитоҳи филиали донишкадаи мазкур дар Тоҷикистон 30 июни соли 2020 «Ёддошти тафоҳуми ҳамкории академӣ» ба имзо расонида шуд.

Фаъолияти Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъалаҳои таъсиси Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе» ба роҳ монда мешавад.

Донишкадаи мазкур соли 1956 таъсис ёфта, ҳамчун муассисаи ғайритиҷоратии таълимии пешсаф дар давлати Сингапур бо риояи сиёсати таҳсилоти доимӣ дар давоми ҳаёти инсон, сеюмин филиали худро дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе ифтитоҳ менамояд.

Бино ва иншооти бунёдшавандаи донишкада дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе воқеъ буда, бо тарҳу усули замонавӣ тарҳрезӣ гардида, масоҳати умумии иншоот беш аз 20 ҳазор метри мураббаъро бо дарназардошти бинои маъмурӣ, синфхонаҳо, маҷлисгоҳ, лабораторияи компютериву киберамниятӣ, китобхона, бойгонӣ, ошхона, толори варзиш, толори вохӯрӣ ва дигар иншоотҳои ёрирасон, ташкил медиҳад.

Филиали донишкада имкон дорад 2500 донишҷӯро барои идомаи таҳсил қабул намояд. Низоми таҳсили он барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии 12 - сола бидуни курсҳои солонаи омодагӣ ва барои хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии 11 - сола бошад, як соли курсҳои омодагӣ пешбинӣ мешавад. Муддати таҳсил дар зинаи бакалавриатура 4 сол ва дар зинаи магистратура 2 сол мебошад.

Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар Душанбе аввалин намояндагии донишгоҳҳои кишварҳои пешрафтаи Осиёи Ҷанубӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҷавонон бояд аз ин дастгириҳои пайвастаи Роҳбари давлат ва шаҳрдорӣ истифода намуда, ҳар чӣ бештар донишҳои муосирро аз худ намоянд.

Ҳадафи асосии таъсиси филиали мазкур дар шаҳри Душанбе эҷоди фазои рақобати солим дар самти илму маориф бо ҷалби сармоя ва иқтидори зеҳнию касбӣ, тақвияти ҳамкории Тоҷикистону Сингапур дар самти омода намудани кадрҳои барои иқтисодиёти Тоҷикистон зарур ва таъмини бозори меҳнати дохилии кишвар бо мутахассисони варзидаи соҳибкасб дар соҳаҳои афзалиятнок ба шумор меравад.

Тибқи Созишномаи байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур, таҳсил дар филиал бо забони англисӣ ва ба таври шартномавӣ ба роҳ монда мешавад. Раванди таҳсил ва фаъолияти методӣ, стандартҳои таълимӣ ва барномаҳои таълимии филиали донишкада мутобиқи стандартҳои эътирофгардидаи байналмилалӣ оид ба тайёр намудани кадрҳо дар зинаҳои бакалавр ва магистратура дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Таҳсил дар донишкада аз рӯи самтҳои менеҷменти саноатӣ, сайёҳии байналмилалӣ ва меҳмондорӣ, амнияти иттилоотӣ ва кибернетикӣ бо фарогирии омӯзиши ҳатмии забони тоҷикӣ, таърихи Тоҷикистон ва дигар ҷузъиётҳои миллӣ роҳандозӣ мегардад. Қабули довталабон ва аттестатсияи хатмкунандагон, тибқи тартиб ва муҳлатҳои аз ҷониби Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур муқаррargardida, амалӣ карда мешавад.

Дар рафти муаррифии лоиҳаи намунавии бинову иншооти бунёдшаванда Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон диққати асосиро ба назорати корҳои сохтмонӣ, риояи меъёрҳои бехатарӣ дода, барои насли навраси кишвар, ки дар донишкада таҳсил хоҳанд кард, ташкили шароити сазоворро тавсия доданд.

Мавриди зикр аст, ки дар баробари оғози корҳои сохтмонӣ ҷиҳати бунёди бинои донишкада аз соли таҳсили нав, яъне аз моҳи сентябри соли 2022, фаъолияти омӯзишии донишкада оғоз гардида, аз рӯи тахассусҳои пешбининамуда мутахассис омода карда мешавад.

Бо ин мақсад имрӯз Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо президенти Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур доктор Эрик Куан дар ифтитоҳи расмии фаъолияти таҳсилотии донишкада дар бинои ҷудонамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҳозиринро ба муносибати ба фаъолият оғоз кардани Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе табрик намуда, ин рӯйдоди муҳимро дар оғози соли нави хониш дар доираи таҳкими ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва ислоҳоти соҳаи маориф ҷиҳати табодули таҷрибаи илмию амалӣ муҳим арзёбӣ карданд. Ин тадбир имкон медиҳад, ки низоми таҳсил ҳар чӣ бештар ба талаботи байналмилалӣ мутобиқ гардонида шавад.

Раиси шаҳри Душанбе зимни суханронӣ дар маросими оғози фаъолияти Филиали Донишкадаи менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе самти тарбияи насли наврас, дастрасӣ ба дониши сатҳи хуб, омода намудани кадрҳои ба талаботи имрӯзаи ҷаҳон ҷавобгӯй ва фароҳамоварии шароити сазоворро ба таври возеҳу дақиқ зикр намуданд.

Муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба ҳайати омӯзгорон ва донишҷӯён дар оғози соли нави таҳсил ва ба фаъолият шурӯъ намудани ин даргоҳи илм бароръу комёбиҳо орзу карданд.

Президенти донишкада доктор Эрик Куан дар баромадаш ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбарияти шаҳри Душанбе барои мусоидат ва ташкили фазои корӣ ва ба фаъолият оғоз намудани филиали ин муассисаи олии таълимӣ дар пойтахти зебоманзари тоҷикон изҳори сипос намуданд. Бо итминон изҳор доштанд, ки фаъолияти Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе ба таври пурсамар ба роҳ монда мешавад.

Зимни муаррифии имкониятҳо фаъолияти бомуваффақияти донишкада дар самти омода кардани кадрҳои баландихтисос таъкид гардид.

Бунёду ба истифода додани биноҳои типи нави муассисаҳои таълимӣ, ворид намудани технологияи муосир ва ба фаъолият оғоз кардани филиалҳои донишгоҳу донишкадаҳои давлатҳои дуру наздики сайёра дар солҳои охир имкон фароҳам овардааст, ки шаҳри Душанбе ба макони илму дониш ва рушди соҳаи маориф табдил ёбад.

Сипас, дар маросими оғози фаъолияти Донишкадаи менеҷменти Сингапур аз ҷониби Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба роҳбари Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе Эрик Куан калиди рамзӣ супорида шуд. Инчунин, филиали донишкада соҳиби сертификати рамзӣ гардид.

Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе дар доираи иҷрои дастуру супоришҳои Роҳбари давлат барои фароҳам овардани шароити замонавии таҳсил бо талошу кӯшишҳои пайвастаи Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба фаъолият оғоз намуда, дар он беҳтарин шароит барои таҳсили ҷавонон фароҳам оварда шудааст.

Ба фаъолият оғоз намудани Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе дар доираи ҳадафҳо ҷиҳати дарёфти роҳу усулҳои муосири таълим, мутобиқ шудани имконияти соҳаи маориф ба талаботи байналмилалӣ ва омода шудани кадрҳои лаёқатманд саҳми бориз хоҳад гузошт.

Дар доираи амалигардонии ҳадафҳои Ҳукумати мамлакат ва татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати бунёди биноҳои нави муассисаҳои таълимӣ, таҳкими ҳамкорию ба фаъолият оғоз намудани филиалҳои муассисаҳои таълимии бонуфузи давлатҳои пешрафтаи дунё тадбирҳои муҳиму саривақтӣ андешида мешавад.

Оғози фаъолияти ин муассиса шаҳодати сулҳу оромӣ, пешрафти ҷомеа, кӯшиши омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ, дастрасӣ ба барномаҳои таълимии байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ пешбурди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар тавассути омодакунии кадрҳои соҳибтахассус маҳсуб меёбад.

**www.president.tj**

# ВОХӮРИИ САИДМУРОД ФАТТОҲЗОДА БО АЛИМИРЗАМИН АСКАРОВ



**30 августи соли 2022 раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот Саидмурод Фаттоҳзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Озарбойҷон дар Тоҷикистон Алимирзамин Аскаров мулоқот намуда, масъалаҳои марбут ба муносибатҳои Тоҷикистон ва Озарбойҷон, алалхусус ҳамкориҳо миёни парлумонҳои ҳар ду кишварро мавриди баррасӣ қарор доданд.**

Ҷонибҳо аз рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи ҳар ду кишвар ёдовар шуда, ҷиҳати густариши робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Озарбойҷон, зарурати фароҳам овардани фазои мусоид барои таҳкими ҳамкориҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ бо истифода аз механизмҳои парлумонӣ ҳавасмандӣ иброз доштанд.

# МУЛОҚОТИ РАВШАН РАҶАБЗОДА БО АФАРИН ШАҲИДЗАДЕ



**30 августи соли 2022 мулоқоти раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода бо муовини сардори Раёсати муассисаҳои миллӣ ва механизмҳои минтақавии Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқи инсон хонум Афарин Шаҳидзаде доир гардид.**

Зимни он масъалаҳои тақвияти ҳамкориҳо, густариши фаъолияти мақомоти қонунгузор доир ба иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар арзҳои дӯстӣ

# ТАҲКИМИ ДӮСТИИ ХАЛҚҲО ОМИЛИ ПЕШРАФТ АСТ



**Неъматулло ХОЛБОЙЗОДА, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Вақте ки дар бораи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек ҳарф мезанем, дил аз фараҳ лабрез мегардад. Зеро халқҳои бародари тоҷику ӯзбек ба қадри дӯстӣ ва ҳамзистии осоишта мерасанд ва таҳти роҳбарии сарварони оқилу дурандеш қуллаҳои баланди комёбиҳоро фатҳ хоҳанд кард.**

Дӯстии халқҳо неруи бузурги созанда ва таҳкимбахшандаи дунёст. Мегӯянд «ҷое сулҳ ҳаст, чӣ ҳоҷат ба ҷанг!». Дӯстӣ пешрафти сиёсат, иқтисод ва маънавиётро таъмин мекунад. Дӯстӣ, худ сулҳи кулли дунё ва гузашта аз ин амнияту осоиши мардум аст. Фирдавсии бузург ҳазор сол пеш дар «Шоҳнома» фармуда буд:

**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.**

Бояд гуфт, ки расму оин, таърихи амиқ, анъаноти миллӣ ва ҳатто орзуҳои ояндаи ҳар ду халқ дар ҳам печида, омезиш ёфтааст. Гузашта аз ин оилаҳои омехта бисёранд. Ҳамин неру аст, ки тири моҷароҷӯён ҳама вақт хок мехӯрад ва минбаъд ба ҳадаф нахоҳад расид. Дӯстии мо азалист, абадӣ боқӣ хоҳад монд.

Ҳаёту фаъолияти ду бузургмард - Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ собит месозанд, ки нақши дӯстӣ дар рӯҳонияти халқи тоҷику ӯзбек садсолаҳо инҷониб боқӣ мондааст. Дӯстии ин мутафаккирон аз доираи муносибати софи ду шахсияти ҳамкору ҳамақида, шоистаи ибрати дигарон берун рафта, хусусияти умумиинсонӣ гирифтааст. Дӯстии ин ду абармард исботи гуфтаҳои шайх Саъдии Шерозӣ аст:

**Бани одам аъзои якдигаранд,**
**Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.**
**Чу узве ба дард оварад рӯзгор,**
**Дигар узвҳоро намонад қарор.**

Солҳои ҳафтодуми қарни гузашта аз дӯстии устод Мирзо Турсунзода, Чингиз Айтматов, Расул Ғамзатов, Абдулло Орифов ва амсоли онҳо бисёр мегуфтанд.

Имрӯз анъанаи инсонҳои хирадманд ва мардумони ба ҳам дӯсти тоҷику ӯзбекро роҳбарони дурандеши Тоҷикистон ва Ӯзбекистон идома ва таҳким мебахшанд.

Сафарҳои кориву расмии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва сафарҳои кориву расмии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои миёни ҳар ду давлат давраи навинро ибтидо гузошт. Дар натиҷа, шароит муҳайё гардид, ки зинаҳои наву манфиатнок дар ҳамкорӣ ва муносибатҳои тарафайн дар оянда тай карда шавад. Табиист, ки ин амалҳо ба рушди иқтисод, иҷтимоиёт, фарҳангу маънавиёти ҳар ду кишвар таъсири мусбат хоҳад расонд.

Албатта, дар рушду равнақ ёфтани муносибатҳо саҳми роҳбарони ҳар ду кишвар назаррас аст. Хусусан, васфу ёдоварии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар барқарорсозии робитаҳо арзиши ҷилд-ҷилд китобро дорад. Дар ин ҷо танҳо аз саҳифаи аввали китоби даҳгонаи «Инсонҳои беназир» чанд сатрро пешкаши хонандагон мегардонем:

«Вақте ин китоб тарроҳӣ мешуд, пири нуроние вориди коргоҳ шуд. Ҳоҷаташро раво кардем. Пеш аз хайрухуш ба шаклдорорандагони китоб рӯ овард ва ба он ишора карда пурсид:

- Дар ин китоб аз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёд мешавад?

- Шукри Худо, - гуфт тарроҳ, - Ӯ ҳамеша, дар ҳама ҷо ва ҳама кор дар ёд ҳаст.

Чун пири нуронӣ ҷавоби дилписанд гирифт, мусаннифи китоб ба ӯ рӯ овард:

- Чаро инро пурсидед?

- Чунки - гуфт пири нуронӣ, - ба дасти Ҷаноби Олӣ ду асо ҳаст. Асои неъмат ва асои ваҳдат. Ва панҷаҳо қавианд». («Инсонҳои беназир», ҷилди 1, Душанбе, 2022, ҶДММ «ТоРус», саҳ.2).

Воқеан, маҳз ба шарофати чунин роҳбарони дурандешу хирадманд боғи дӯстии ҳар ду халқ пурфайзтар гаштаю самараҳои хуб ба бор меоранд. Имрӯз дар сарҳадҳои ҳар ду давлат рафтуомади одамон зиёд шудааст.

Инак, дар натиҷаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон (2-3 июни соли 2022) ва дидору мулоқот бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев масоили гуногун, аз ҷумла истифодаи имкониятҳои мавҷуда дар соҳаҳои энергетика ва саноат, нақлиёту коммуникатсия, сармоягузорӣ, мавриди баррасӣ қарор гирифта, шартномаҳои нави ҳамкорӣ ба имзо расиданд. Чанде пеш хатсайри роҳи оҳани Душанбе – Тошканд ва Тошканд – Душанбе аз нав эҳё гардида, он ҳафтае як маротиба мунтазам фаъолият мекунад, ки ин рӯйдод ба хушҳолии мардуми ҳар ду кишвар боис гардид.

Як нуктаи дигар боиси зикр аст, ки таи се соли охир дар бахшҳои гуногуни ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон қариб 100 санади дуҷониба ба имзо расида, мавриди амал қарор доранд.

Ин далелҳо умеди халқҳои ба ҳам қарини тоҷику ӯзбекро ба ояндаи нек ва рушду нумӯи Тоҷикистону Ӯзбекистон, таҳкими дӯстию бародарӣ боз ҳам зиёд мегардонад.

**Чанд вақт аст, ки кормандони Вазорати корҳои дохилӣ аз боздошту ҳабс ё ҷаримаи ҷавонон хабар медиҳанд, ки гуноҳашон дар кӯчаҳо ба духтарон гап партофтану дағалгуфторӣ кардан арзёбӣ мегардад. Зимнан, шикояти зиёди ҷавононро низ мешунавем, ки мегӯянд қонунгузорӣ ҳаққи шикоят карданро дар мавридҳои зикршуда ба онҳо надодааст.**

Дар матлаб доир ба шикоятҳои духтарон, норозигии писарон, суиистифода намудан ва шантаж шудани ҷавонон аз ҷониби духтарон, надонистани қонунгузорӣ сухан меравад.

Дар мавриди шумораи аниқи муроҷиаткунандагон, ки соли равон бо сабабҳои гуногун ҷабрдида ҳисобида мешаванд, маълумоти дақиқ мавҷуд нест. Ба иттилои маркази матбуотии ВКД, ин гуна ҳолат зиёд рух медиҳад ва аксарият на расман, балки бо нашри аксу навор дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба унвони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муроҷиат менамоянд.

Ҳамчунин, аз ВКД тасдиқ карданд, ки барои гаппартоӣ ва дағалгуфторӣ дар қонунгузорӣ муқаррарот нест.

Сухангӯи Раёсати Вазорати корҳои дохилӣ дар шаҳри Душанбе Сироҷиддин Шакурӣ аз суиистифода шудани вокунишҳои зуд ҷамъиятӣ узви Ҷамъияти равоншиносони Тоҷикистон Марям Давлатова чунин андеша дорад:

- Сабаби асосии чунин ҳолатҳо надоштани малакаи муошират бо ҷинси дигар аст. Ҷавонон дар ин синну сол зери таъсири ғалаёни гормонҳоянд ва ба ҷинси дигар хеле зиёд майл доранд.

Ҳамчунин, мусоҳибамон сабаби дигари рух додани ин гуна ҳолатро набудани донишҳои муоширатӣ дар оилаву муассисаҳои таълимӣ медонад:

- Азбаски ҷомеа на дар оила, на дар мактаб донишу малакаҳои муоширатро намедиҳад, ин раванд ҳамин хел суст сурат мегирад.

# БАРОБАРӢ ТАЪМИН АСТ, ВАЛЕ ОНРО РИОЯ НАМЕКУНЕМ

### ТАЪИНИ ҶАЗО ВА СУИИСТИФОДА АЗ ҚОНУНГУЗОРӢ

Барои гаппартоӣ ва дағалгуфторӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин ҷазо таъин мешавад, вале боз ҳам чунин ҳолатҳои нанговарро мушоҳида кардан мумкин аст.

Дар аксар ҳолат ҷавонони дағалгуфтор тибқи моддаи 460 (Майдаавбошӣ) - и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дашном додан, ба таври таҳқиромез дарафтодан ба одамон, ҳамчунин, содир намудани дигар кирдорҳои ба ин монанд, ки тартиботи ҷамъиятӣ ва осудагии одамонро халалдор мекунанд, ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ин моддаи кодекси мазкур аз ҳафт то даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз панҷ то понздаҳ шабонарӯз ҷазо пешбинӣ намудааст.

Аз рӯи ин моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ шудани ҷазо барои дағалгуфторӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ далели он аст, ки ин навъи ҷазо ҳам барои писарон ва ҳам барои духтарон муқаррар шудааст, вале баъзеҳо аз надонистани ин талаботи қонунгузорӣ бо шикояти худ, ки гӯё ҳаққу ҳуқуқашон поймол мешавад, шабакаҳои иҷтимоиро ба шикоятхона табдил медиҳанд. Аз ҷониби дигар, бисёранд ҷавононе, ки ин ҳолатро медонанд, вале аз болои ҷинси зан шикоят карданро раво намебинанд. Бинобар ин, расман ба мақомоти дахлдор мурожиат намекунанд.

### ГУНОҲИ ОИЛА ВА МАКТАБ

Вобаста ба гаппартоӣ ва дағалгуфторӣ дар ҷойҳои ва саривақтии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мурожиати мардум чунин гуфт:

- Мутаассифона, шоҳиди чанд ҳолати суиистифодаи ғамхорӣ ва вокуниши саривақтӣ шудем. Санҷишҳо маълум карданд, ки чанде аз сокинон ба нафари алоҳида дар мавриди гаппартоиву дағалгуфторӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ туҳмат карда, мехоҳанд бо ин роҳ қасд гиранд, вале ин гуна ҳолат ошкор ва ба туҳматгарон дар асоси қонунгузорӣ ҷазо таъин карда шуд.

### ШИКОЯТ АЗ ҶОНИБИ МАРДОН ҲАМ ҲАСТ

Ба нақли ҳамсуҳбати мо, шикоятҳо аз тарафи мардон ҳам мерасанд, вале хеле кам, зеро аз як ҷониб нангу номуси мардӣ ва аз ҷониби дигар урфу одати тоҷикона намегузорад. Барои мисол, чанде пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ навор нашр гардид, ки дар он ҷавондухтаре ба дағалгуфторӣ роҳ дода, даъво кард, ки ҷавонписари номаълум ӯро дар ҷои ҷамъиятӣ мавриди дашному ҳақорат қарор дод. Корбарони фаъоли шабакаҳои иҷтимоӣ аз Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе барои баҳои ҳуқуқӣ додани ҳодиса дархост намуданд.

Дар натиҷаи таҳқиқ, нисбат ба ҳар ду иштирокчиёни ҳодиса тибқи талаботи моддаи 460 (Майдаавбошӣ) - и Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи маъмурӣ тартиб дода шуд.

Оилаҳое, ки дар он ҷо муносибати зану шавҳар дар доираи меъёрҳои одоб сурат мегирад, ба фарзандон ин малакаро ҳам аз тариқи намунаи рафтор медиҳанд. Баръакс, ҷое, ки дар муносибатҳо беэҳтиромӣ ва дағалӣ меъёри муносибат аст, фарзанд бо ҳамин «захира» ба олами берун мебарояд ва онро зоҳир мекунад.

### ИҚДОМИ ШАҲРДОРӢ ДАР САРГАҲ БУД

Соли 2018 гурӯҳе аз бонувони сокини Душанбе дар нома ба унвонии Раиси шаҳр хостори расидагӣ ба масъалаи озори лафзии занон дар кӯчаҳои пойтахт шуданд. Дар он мурожиатнома 50 зану духтарони сокини пойтахт пешниҳод карданд, ки барои муҷозоти ҷавонону мардоне, ки бо бонувону духтарон луқмапартоӣ мекунанд, чораҷӯӣ шавад. Сипас, вобаста ба масъала гурӯҳи корӣ ташкил шуд.

Албатта, мардум ба ҷинси зан аз ҳар ҷиҳат эҳтироми хос зоҳир менамоянд, вале ин маънои поймол шудани ҳуқуқу озодиҳои мардонро надорад.

Зимнан, агар ба гаппартоиву дағалгуфтории аҳли ҷомеа чандон аҳамият надиҳем, суиистифода кардани талаботи қонунро аз ҷониби афроди муайян пешгирӣ накунем, инчунин, ба қисме аз ҷавонон дар мавриди баробар буданашон бо ҷинси зан маълумот пешниҳод насозем, пас ин гуна ҳодисаҳо боз ҳам бештар мегарданд.

**Ҳ. ТОҲИРӢ,**
**«Садои мардум»**

# АЗ ТАВАҶҶУҲИ ХОСАИ ПРЕЗИДЕНТ ТО РУШДИ БЕСОБИҚАИ ИНФРАСОХТОР

**Маориф дар сиёсати роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самти афзалиятнок эълон гардидааст. Бо назардошти ин, ба хотири баланд бардоштани сатҳи таълиму тарбия ва ба таҳсил фаро гирифтани насли наврас дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат сохтмони мактабҳои замонавӣ идома дорад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ садҳо мактаб ба истифода дода шуд, ки имрӯз насли наврас дар шароити мусоид ба омӯзиши илм ва касбу ҳунар машғуланд.**

Агар ба нишондодҳои оморӣ назар афканем, дар 30 соли истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 3 ҳазору 240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда ба истифода дода шудааст, ки ин аз таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба рушди соҳаи маориф шаҳодат медиҳад.

Яке аз тадбирҳои дигар бунёди муассисаҳои таълимии тарзи нав мебошад. Маҳз ба хотири сифати баланди таълим теъдоди муассисаҳои таълимии типи нав - литсей, гимназия, мактаби президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат дар замони соҳибистиқлолӣ ба 173 адад расонида шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таълиму тарбия дар чунин муассисаҳои таълимӣ нисбатан самаранок буда, ҳар сол хонандагони онҳо дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавию ҷаҳонӣ соҳиби медалҳои тиллову нуқра ва биринҷӣ гардида, номи давлату миллати тоҷикро баландтар мебардоранд.

Инчунин 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардид.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Мо дар ҳазорсолаи сеюм ва асри пешрафти бесобиқаи илму технологияҳо, яъне дар асре, ки тамоми ҷанбаҳои ҳаёт тавассути саводу дониш ва илму технологияҳо идора карда мешаванд, зиндагӣ дорем. Барои ҳамқадами замона будан ва рушди давлату ҷомеаро таъмин кардан омӯзиши илму дониш, хусусан, илмҳои табиӣ, риёзӣ, дақиқ ва аз худ кардани касбу ҳунар роҳи ягона ва дуруст мебошад».

Маҳз таъкидҳои доимии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки таваҷҷуҳи ҷавонони тоҷик барои хондану соҳибилм гардиданашон на танҳо дар мамлакат, балки барои идомаи таҳсил ба хориҷи кишвар низ зиёд гардидааст. Дар асоси созишномаҳои ҳамкории байнидавлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳазорҳо нафар ҷавонони лаёқатманди тоҷик барои идомаи таҳсил ба хориҷи мамлакат фиристода мешаванд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ шумораи донишҷӯёни тоҷик дар хориҷи кишвар наздик ба 42 ҳазор нафар расид. Шоҳиди онем, ки барои ба таҳсил фаро гирифтани фарзандони аҳли заҳмат, ҳатто дар дурдасттарин деҳаҳо мактабҳои замонавӣ бунёд гардида, ин раванд бардавом аст.

Он рӯз дур нест, ки ҳама шаҳру навоҳии ҷумҳуриамонро биноҳои зебову замонавии муҷаҳҳази муассисаҳои таълимӣ зеб медиҳанду барои толибилмон шароити боз ҳам беҳтари таълиму тарбия фароҳам мегардад.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

Сеҳри мӯқалам

# ВЕРРОККӢЙОИ ТОҶИК

**«...Мегӯянд, ки дар дунё танҳо дар ду мамлакат Мактаби санъати тасвирии академикӣ боқӣ мондааст: Россия ва Италия. Вале мамлакати хурдакаки сеюм низ вуҷуд дорад, ки дар он Академияи санъати тасвирӣ зери фишори модернизм намемирад ва ин Тоҷикистон аст»,- менависад нависанда ва драматург Темур Зулфиқоров.**



Адиб сарвари Бунёди мусаввирии Тоҷикистон Олимхон Рабиевро, ки Верроккӣйои тоҷик меномад, ҳамчун посдору идомадиҳандаи анъанаҳои академикӣ тавсиф намуда, таъкид месозад, ки портрету натюрморт ва саҳнаҳои жанрии устодона офаридаи ӯ осори ширадори асримиёнагии ҳолландиҳо ва венетсиягиҳоро ба хотир меоранд. Ҳунари воло, дунёи рангин ва фурӯтаниву самимияти рассоми камназир, «меросбари Камолиддин Беҳзод», академики Академияи мусаввирии Тоҷикистон, Академияи миллии дизайни Россия ва Академияи ҷаҳонии рассомони «Даврони навин» («Новая эра») - Олимхон Рабиев Темур Зулфиқоровро мафтун сохта, яке аз дӯстони қаринаш гардондаанд.

«Ман офаридаҳои тозаи Олим Рабиевро «Тавлиди ҳаёт дар коинот» меномам. Он шохаи гулафшонест дар шаҷараи академизм»,- таъкид намудааст Т. Зулфиқоров. Олимхон ё Олимшо (дӯстони наздиктарин ӯро чунин ном мебаранд) Рабиев дӯстони зиёд дорад, ки аксарашон аз аҳли ҳунару эҷоданд.

Аз рӯзгор ва фаъолияти эҷодии ин офарандаи зебоӣ, эҷодкори худшиносу ватанпараст кам навиштаанд, ҳарчанд танҳо дар вазифаи сарвари Бунёди мусаввирии Тоҷикистон (собиқ Фонди бадеӣ) О. Рабиев беш аз 17 сол фаъолият намудааст. Ба замми ин, аксар нигоштаҳо дар бораи ӯ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хусусияти хабарӣ дошта, бо забони русӣ иншо шудаанд. Танҳо матлаби иншонамудаи бостоншинос Музаффар Азизов дар маҷаллаи «Мероси ниёгон» (№21, с.2019) таҳти унвони «Меросбари Камолиддин Беҳзод» моро бо бузургии шахсияти ӯ ва бо баъзе аз лаҳзаҳои рӯзгору офаридаҳояш ошно месозад. Метавон гуфт, ки ҳанӯз ин эҷодкори сермаҳсул ва инсони шариф ба муаррифӣ ниёзманд аст.

Олимхон Рабиев 59 сол дорад. Дар деҳаи Чиртаки шаҳри Ваҳдат, дар оилаи омӯзгор ба дунё омада, дар шашсолагӣ аз меҳри модар маҳрум мондааст.

**Ин тасвир «Бибии ман» номида шуда, барои О. Рабиев низ хеле азиз аст. Нигоҳ, ҳолату ваҷоҳати пиразан, ожангҳо ва чини пешонӣ, ҳар**



**мушаки чеҳраи ӯ ва ҳар хатти тасвир бозгӯяндаи умри дарозу пурпечутоби ин зан аст, ки пас аз фавти модари Олимхон ба ӯ меҳри модарӣ эҳдо намудааст.**

Таҳсили ибтидоиро Олимхон дар мактаби №14, ноҳияи Ваҳдат гирифтааст. Истеъдоди модарзодиаш дар ҳамин ҷо зуҳур карда, аллакай ҳангоми дар синфи шашум таҳсил намудан дар Намоиши ҷумҳуриявии рассомони наврас ҷои дуюмро соҳиб мегардад. Соли 1978 ба Омӯзишгоҳи ҷумҳуриявии рассомии ба номи Мирзораҳмат Олимови пойтахт дохил шуда, пас аз хатми он таҳсилро дар шуъбаи ғоибонаи Донишкадаи санъати ба номи М.Турсунзода идома медиҳад...

- Дар он айём ман ба ҳайси мудири бойгонии Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ) кор мекардам ва баъд аз хатми Донишкадаи санъат ба факултаи меъмории донишкада дохил шудам, - гуфт О.Рабиев, - вале мушкилоти зиндагӣ маро водор кард, ки ба Корхонаи лаку ранги Душанбе ба кор дароям. Дар айёми донишҷӯӣ бо ин коргоҳ низ ҳамкориҳо дошта, кори дипломиамро дар ҳамин ҷо анҷом додам. Бо тавсияи сармеъмори ноҳияи Октябр (ҳоло Исмоили Сомонӣ)-и пойтахт дар назди даромадгоҳи мағозаи ҷавоҳирот ду «моҳии тилло» бунёд намудам... Маро ба ҳайси саррассом ба кор қабул намуданд. Дар баробари кори корхона дар ороиши намо ва атрофи баъзе аз биноҳои давлатӣ, аз ҷумла КМ Ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ, саҳм гузоштам.

Баъд аз як соли кор дар коргоҳи лаку ранг О. Рабиев ба шаҳри Ваҳдат бозгашта, соли 1984 дар назди хонаи пионерон маҳфили рассомони наврасро ифтитоҳ намуд. Ин иқдом аз ҷониби роҳбарияти шаҳр хуш пазируфта шуд ва пас аз чор моҳ ӯ бо ибтикори раиси вақти шаҳр - Самандар Тоҳиров дар назди шуъбаи фарҳанг низ ҳамин гуна маҳфилро боз кард. Каме дертар, боз бо ташаббуси раиси шаҳр С. Тоҳиров ва ҷаҳду талоши О. Рабиев дар шаҳри Ваҳдат Осорхонаи таърихӣ - кишваршиносӣ ифтитоҳ гардид. Қаҳрамони матлаб дар он ҷо муддате кору эҷод намуд. Пасон ба пойтахт баргашт. Он айём Б. Зуҳуриддинов сармеъмори шаҳри Душанбе буд ва Олимхон Рабиев дар паҳлуи ӯ ороиши бисёр биноҳои ҳукуматӣ иштирок намуд, дар бунёди маҷмааи Исмоили Сомонӣ ширкат варзид. Аксари ин корҳо бо Фонди бадеии ҷумҳурӣ рабт доштанд ва сарвари вақти фонд - А. Г. Шурпаевро, ки синнаш аз 70 гузашта буд, ҳунару истеъдод, маҳорати раҳбариву ташкили кор ва муносибати Олимхон Рабиев бо ҳамкорон хуш омада, соли 2004 аз ӯ хоҳиш намуд, ки сарварии фондро ба зимма гирад. Вале пас аз ошно шудан бо вазъи кор, ҳолати ногувори бино ва устохонаҳо, шароити кори рассомону муҷассамасозон О. Рабиев пешниҳоди А. Шурпаевро рад намуд. Пас аз шаш моҳ ин пири гавҳаршинос боз ба назди О. Рабиев ҳозир шуд. «Ман пир шудаам. Шумо ҷавонед, ояндаро шумо бояд созед ва сохтан метавонед. Фондро обод намо», - таъкид намуд ӯ ва Олимхон розӣ шуд.

- Бинои Фонди бадеӣ бо талошҳои шахсиятҳои бузург, устодон Х. Хушвақтов, Х. Ашӯров, Х. Давлатов, С. Қурбонов, В. Назаров, В. Одинаев бунёд гардидааст. То даврони ноором иҳо дар он ҷо наздики 300 рассому ҳайкалтарош, наққошу кандакор фаъолият мекарданд. Ноором иҳо эҷодкоронро пароканда намуд. Вазъ хуб набуд, шароити кор вуҷуд надошт. Вазифаи нахустин дар он рӯзҳо бозгардондани аҳли эҷод ба фонд буд ва мо корро аз он оғоз намудем. Тадбирҳои дигар низ зарур буданд, то фаъолияти фонд аз нав дуруст ба роҳ монда шавад.

Ва илоҷ пайдо гардид. Фонди бадеӣ бо ризоят ва дастгирии кормандон ба ҶСП «Бунёди мусаввирии Тоҷикистон» табдил дода шуд ва вазъ дар он маркази фарҳангу ҳунар дигаргун гашт. Шумораи кормандон афзуда, муштариён ҳам зиёд гардиданд. Фармоиш ҳам пайдо гардиданду супоришҳои давлатӣ ҳам. Иштироки рассомону ороишгарони бунёд дар ороиши коху биноҳои ҳукуматӣ бештар гашт. «Қасри Сомон», «Қасри миллат», қароргоҳҳои беруназшаҳрии ҳукуматии «Пуғус», маркази фароғативу табобатии дастгоҳи Ҳукумати ҷумҳурӣ, чойхонаи «Хуррамшаҳр»-и ноҳияи Данғара, чойхонаи «Наврӯз», «Душанбе - Плаза», Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва «Амфитеатр»- и Душанбе танҳо қисме аз он иншооте мебошанд, ки дар онҳо нақши дастони сеҳрофарини кормандони Бунёди мусаввириро дидан мумкин аст. Онҳо дар ташкилу баргузории ҷашну озмунҳо низ ширкат варзидаанд. Асарҳои эшон дар намоишгоҳҳои гуногун ба намоиш гузошта шудаанд.

**Ин тасвири духтари тоҷик бо либосу ороишоти миллӣ ва меваву зарфҳои гуногун, ки далели сеҳри муъҷизаофари мӯқалами Олимхон Рабиев аст, дар намоишгоҳҳои гуногун ба намоиш гузошта шуда, баҳои баланди аҳли санъати тасвирӣ ва мунаққидонро сазовор гардидааст.**



- Соли 2008 дар пойтахти Фаронса - шаҳри Париж бо пешниҳоди ЮНЕСКО намоиши калони байналмилалӣ баргузор шуд, - ба ёд меорад О. Рабиев, - Дар он рассомони Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ ширкат меварзиданд ва дар намоиш асарҳои онҳо аз ҷониби Академияи рассомӣ муаррифӣ гардид. Пас аз бозгашт бо пешниҳоди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз ҳама кори мо огаҳӣ доштанду пайваста ғамхорӣ зоҳир менамоянд, мо низ соли 2009 чунин сохтор - Академияи мусаввирии Тоҷикистонро дар назди Бунёди мусаввирӣ таъсис додем. Пас аз он бо иттиҳодияҳои эҷодӣ, иттифоқи рассомон ва бунёдҳои бадеии аксар ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ робита барқарор намуда, дар рӯзу ҳафтаҳои фарҳанги кишварамон дар он ҷумҳуриҳо намоиши асарҳои мусаввирону эҷодкорони дигари Бунёди мусаввирии Тоҷикистонро ташкил кардем.

Дар он намоишҳо асарҳои Олимхон Рабиев низ ба тамошо гузошта шуда, сазовори баҳои баланди мутахассисон гардиданд. Вале озмуни байналмилалии рассомӣ дар шаҳри Остона, ки онро Иттифоқи байналмилалии «Рассомон барои сулҳ» ташкил намуд, О. Рабиевро воқеан машҳур гардонд. Бо пешниҳоди асарҳои «Модар», «Бибии ман», «Кӯдакӣ» ва чанд тасвири дигар Олимшо сазовори медали тиллои озмун гашт.




Мавриди зикр аст, ки Иттифоқи байналмилалии «Рассомон барои сулҳ» созмони ғайритиҷоратӣ буда, соли 2003 таъсис ёфтааст ва рассомони беш аз 60 кишвари олам ба он шомиланд. Ҳадафи созмон ташкили чорабиниҳо дар соҳаи санъати тасвирист, ки ба сулҳу субот дар кишварҳои ҷаҳон мусоидат менамоянд. Чорабиниҳои созмон ҳар сол дар кишварҳои гуногун баргузор гардида, ҷоизаи баландтарини он медали тиллост. Ҷои дуюм ва ду медали нуқра ба ду нафар дода мешавад. Ҷои сеюм-се медали биринҷист ба се рассом. Ҳар ғолиб, ҳамчунин, соҳиби шаҳодатнома ва лентаи фахрӣ мегардад.

Соли 2016 масъулияти бузурге бар дӯши О.Рабиев гузошта шуд. Тибқи нақша, дар доираи чорабиниҳои иқдоми «Як камарбанд-як роҳ» дар пойтахти кишвар бояд намоиши байналмилалии «Дурдонаҳои роҳи бузурги абрешим» баргузор мегардид. Ташкили чорабинӣ, қабул ва гусели иштирокчиёнро ба Олимхон Рабиев супориданд. Азбаски ҳанӯз Бунёди мусаввирии Тоҷикистон толори намоишӣ надорад, намоиш дар ошёнаи сеюми Осорхонаи миллӣ баргузор шуд. Дар он рассомон қариб аз сӣ кишвар ширкат варзиданд. Бояд зикр намуд, ки сарварии озмунро Сарвазири Ҷумҳурии Халқии Хитой бар уҳда дошт. Соли 2016 бо пешниҳоди ташкилкунандагон ва Иттифоқи байналмилалии «Рассомон барои сулҳ» ба пойтахти кишвар шаҳри Душанбе «барои таъмини суботу оромӣ, амнияту ҳамзистии осоиштаи қишрҳои ҷомеаву адён, гуфтугӯи тамаддунҳо ва рушди бомароми иқтисодию иҷтимоӣ» ҷоизаи «Шаҳри сулҳ»-и Бунёди роҳи бузурги абрешим супорида шуд. Ҳамчунин, Иттифоқи байналмилалии «Рассомон барои сулҳ» ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун қосиди сулҳу ваҳдати тоҷикон армуғони хотиравӣ ва мусаввараи нодир тақдим кард.

Бо пешниҳоди О.Рабиев меҳмонон гӯшаҳои зебоманзари кишварро тамошо карданд.

Барои офаридаҳои нотакрор ва иштироки фаъолона дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ Олимхон Рабиев сазовори ҷоиза ва унвонҳои зиёд - доктори фахрии фалсафа дар соҳаи санъати ҷаҳонии Донишгоҳи Оксфорд (Англия), профессори Донишгоҳи байналмилалии таълими фундаменталӣ (Санкт-Петербург), дипломанти озмуни байналмилалии «Ҷанбаҳои муосири санъат» (АППОЛОН - ЮНЕСКО), ордени «Шараф ва шуҷоат»-и Бунёди фарҳанги Санкт-Петербург, ордени «Санъати сайёра», ҷоизаҳои «Рассоми сол» ва «Дурдонаҳои роҳи бузурги абрешим» гардида, мусавварҳояш дар чанд намоишҳои байналмилалӣ ба намоиш гузошта шудааст. Вале ӯ ғолибиятро дар озмуни лоиҳаҳо барои бунёди деворнигораҳои Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол ва Озодӣ» барои хеш муваффақияти бузургтарин медонад.

- Ба озмуни Майдони Истиқлол шумораи хеле зиёди лоиҳаҳо пешниҳод шуда буданд. Албатта, боиси ифтихор аст, ки лоиҳаи пешниҳоднамудаи мо пазируфта шуд. Гарчанд он масъулияти бузургеро тақозо мекунад, - бо қаноатмандӣ гуфт О.Рабиев ва илова намуд: - Таҳти назорату таваҷҷуҳи доимӣ ва бо раҳнамоии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳамеша дар ҷараёни корҳо қарор доштанду доранд, дар муддати хеле кӯтоҳ коре ба анҷом расонида шуд, ки эҳтимол барои он даҳ сол лозим буд. 26 майи соли 2018 аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таъсиси Комиссияи байнидоравӣ оид ба гузаронидани озмуни кушод ҷиҳати интихоби беҳтарин лоиҳаи ангоравии Майдони «Истиқлол» бо Маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлол ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе фармоиш ба имзо расида,11 марти соли 2020 ҷамъбаст гардид. Тибқи лоиҳа мо нақшаи 14 лавҳаро омода намудем, ки ба шакли барелеф мусавварӣ гаштаанд. Ин барелефҳо бо баландии 5 метру 20 см ва дарозии 9 метр таърихи миллати тоҷик ва давраҳои рушду инкишофи давлатдории тоҷиконро аз замони Зардушт то давраи Истиқлолияти давлатии кишвар бо анъанаҳои миллӣ ва корнамоиҳои мардуми мо инъикос менамоянд. Барелефи аввал «Каюмарс - Ҷамшед ҳамчун шоҳи аввалини ақвоми ориёӣ. Шиносоӣ бо китоби Авесто» номгузорӣ шуда, дар он ҳамаи рамзҳое, ки ба Каюмарсу Ҷамшед алоқаманданд, ҷой дода шудаанд. Умуман, ҳар лавҳа як асари бузург аст, ки дар он марҳилаҳои таърихи миллат ва давлатдории тоҷикон бо ҳама ҷузъиёти муҳимтарин, шахсиятҳои давр, иншооту меъмориҳо, рушди илму ҳунар ба назар гирифта мешаванд.

Лавҳаи дуюм ба даврони салтанати Ҳахоманишиён марбут буда, аз давраи ба сари қудрат омадани Куруши Кабир оғоз меёбад. Муттаҳид намудани қавмҳои ориёӣ, эъломияи Куруши Кабир аз мавзӯъҳои ин лавҳаанд, ки дар он низ ҷузъиёти зиёд ифодагари он марҳалаи таърихан.

Мавзӯи асосии лавҳаи сеюм муҳорибаи Спитамен бо Искандари Мақдунӣ аст, ки онро «Муҳорибаи Санги суғдӣ» ё «Шуғи суғдӣ» низ меноманд. Лавҳаи чорум ба даврони Ашкониён, Кӯшониён, Сосониён, Меҳрдоди II, Канишкаи Кабир, Ардашери Бобакон марбут буда, меъмориҳои он айёмро низ дар бар мегирад...

Тавре Олимхон Рабиев таъкид намуд, шумораи деворнигораҳо ба 14 баробар буда, сабаб пурра оро додани ҳар ду тарафи ҳамаи ҳафт кунҷи ситора аст, ки рамзи «Истиқлол ва Озодӣ» дар Майдони Истиқлол хоҳад буд. Пас аз пурра омода гардидани ҳамаи деворнигораҳо Олимхон Рабиев якҷоя бо Ю. Яъқубов, Ф. Раҳимӣ, Н. Убайдулло ва Ш. Орумбекзода онро ба Комиссияи байниидоравӣ ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуданд.

О.Рабиев изҳори хурсандӣ менамояд, ки ин офаридаи ӯ садсолаҳо як гӯшаи кишварро оро дода, барои насли имрӯзу фардо ҷиҳати омӯзиши таърихи миллат кумак хоҳад кард.

Пас аз худоҳофизӣ бо ин рассоми чирадаст бори дигар устохонаҳо, роҳравҳо ва гирду атрофи бинои Бунёди мусаввирии Тоҷикистонро аз назар гузаронидем. Деворҳои бино пур аз мусаввараҳо, устохонаву назди тирезаҳои роҳравҳо пур аз нигораҳои гуногун-зарфҳо ва ҳайкалчаҳои одамону ҳайвонот. Муҷассама ва деворнигораҳои гуногуни аз биноҳо кандашударо дар ҳавлии назди бино низ дидан мумкин аст. Ҷои баҳс нест, ки ин ҳама зебоиҳо бо мурури замон «...гарданд хароб, зи борону аз тобиши офтоб». Сабаб танҳо он аст, ки бунёд барои нигоҳдории онҳо толор ё бинои махсус надорад. Тавре О. Рабиев зикр намуд, барои ташкили намоиши асарҳо низ толор мавҷуд нест. Вале боиси хушнудист, ки пас аз солҳо ҳоло таъмири намо ва атрофи бино оғоз ёфтааст.

Имрӯз низ О. Рабиев машғули эҷод аст ва рисолати худро дар идома додани анъанаҳои неки эҷодии устодони дирӯзу имрӯз, ғановат бахшидан ва дар арсаи олам машҳур гардонидани ганҷинаи санъати тасвирии миллӣ мебинад.




**Н. НИЗОМӢ,**
**«Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНОНУ ПУДРАТЧИЁН!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № лот | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 411220 | Муассисаи давлатии «Маркази тиббии шаҳрии №3» | Таъмири ҷории бино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 05.09.2022 15:10:00 |
| 2 | 411229 | Муассисаи давлатии «Нигоҳдории нақбҳо, шабакаи равшанидиҳӣ ва иншооти чароғакҳои роҳнамо дар роҳҳои автомобилгарди аҳамияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявидошта» | Таҷҳизоти техникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 05.09.2022 18:00:00 |
| 3 | 411252 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №24-и шаҳри Ҳисор | Таъмири ҷории намои бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 08.09.2022 13:30:00 |
| 4 | 411219 | Муассисаи давлатии «Боғи Парчами миллӣ» - и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Алафдаравак (газонокосилка), насоси обӣ ва стабилизатори шиддатӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 16.09.2022 15:05:00 |
| 5 | 411203 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Мебел, таҷҳизот, молу ашёҳои таълимӣ ва лавозимоти лабораторӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 52 | 16.09.2022 15:05:25 |
| 6 | 411221 | Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» | Таъмири ҷории муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 15:30:00 |
| 7 | 411222 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Ороиш додани иншоотҳои роҳҳои автомобилгард дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 15:40:00 |
| 8 | 411223 | Муассисаи давлатии «Нақлиёти махсусгардонидаи соҳаи тандурустӣ»-и вилояти Хатлон | Сӯзишворӣ ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 16.09.2022 15:50:20 |
| 9 | 411224 | «Беморхонаи клиникии ба номи Б. Воҳидов»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон | Таъмири шуъбаи эҳёгарии калонсолони беморхона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 15:55:20 |
| 10 | 411225 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳо»-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Молҳои хоҷагидорӣ, поруи органикӣ ва ҷорӯби ҳавлирӯбӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 16.09.2022 16:34:00 |
| 11 | 411227 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | Китоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 16.09.2022 17:20:00 |
| 12 | 411228 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» | Воситаи муҳофизатӣ ва таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 16.09.2022 17:40:00 |
| 13 | 411231 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Бланка ва китоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 9 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 14 | 411232 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Молҳои варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 31 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 15 | 411233 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | Мизу курсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 16 | 411234 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №11»-и ноҳияи Ҷаббор Расулов | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 29 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 17 | 411235 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи маркази ба номи Ӯроқбой Разоқов»-и шаҳри Панҷакент | Таҷҳизоти тиббӣ ва монитор | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 10 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 18 | 411236 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Бензин ва гази моеъ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 19 | 411237 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Хизматрасонӣ оид ба қабули 106 нафар шахсони ҳамроҳикунандаи меҳмонони олиқадр ва таъмин намудани онҳо бо ҷои зист ва бо се маҳал хӯроки гарм дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 20 | 411238 | Шуъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 21 | 411239 | Муассисаи давлатии «Мактаби варзишии вилояти Суғд» дар шаҳри Хуҷанд | Идомаи корҳои сохтмонӣ ва таъмири ҳуҷраҳои ёрирасони муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 22 | 411240 | Муассисаи давлатии «Мактаби варзишӣ»-и шаҳри Гулистон | Таъмири «Варзишгоҳи марказӣ»-и шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 23 | 411241 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент | Идомаи таъмири бинои мақомот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 16.09.2022 20:20:20 |
| 24 | 411242 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.09.2022 20:25:25 |
| 25 | 411243 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи политехникӣ»-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 16.09.2022 20:25:25 |
| 26 | 411245 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи касалиҳои рӯҳии вилояти Суғд» дар шаҳри Исфара | Доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 48 | 19.09.2022 08:50:00 |
| 27 | 411246 | Идораи рӯзномаи «Ҷумҳурият» | Коғази корӣ ва картриҷ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 19.09.2022 09:40:12 |
| 28 | 411247 | Муассисаи давлатии «Раёсати кор бо мактабҳо ва иншоотҳои варзишӣ»-и шаҳри Душанбе | Таҷҳизоти варзишӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 16 | 19.09.2022 10:00:00 |
| 29 | 411248 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 142 | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.09.2022 10:20:36 |
| 30 | 411249 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Ёвон | Таъмири намуди зоҳирии бинои муассиса | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.09.2022 10:50:40 |
| 31 | 411251 | Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои тақсимоти барқ» дар шаҳри Истаравшан | Автомобили сабукрав | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 19.09.2022 11:45:00 |
| 32 | 411250 | Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Таъмири ҷории бинои дастгоҳи маркази агентӣ ва азнавсозии утоқи навбатдорон дар гузаргоҳи дуюми бино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.09.2022 12:00:00 |
| 33 | 411244 | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мебел, молҳои канселярӣ, асбобҳои дастӣ, телевизор, дастгоҳҳои бисёрфунксионалӣ, асбобҳои маишӣ, ID-карта, лентаҳои гармидиҳӣ, коммутатор, қолин, алафдаравак ва диспенсери об | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 132 | 19.09.2022 14:00:00 |
| 34 | 411226 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Дарвоз | Бензини АИ-92 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 19.09.2022 15:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни «Сана ва вақти кушодани лифофаҳо» муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ПРИГЛАШЕНИЕ НА ПОДАЧУ КОТИРОВОК

**РЕАБИЛИТАЦИЯ 264 УЧРЕЖДЕНИЙ ПМСП**

**Название проекта:** Проект раннего развития детей с целью наращивания человеческого капитала в Таджикистане.

Республика Таджикистан получило грантовое финансирование со стороны Всемирного банка для покрытия расходов Проекта «Раннее развитее детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане» и намерена использовать часть средств на реабилитацию учреждений ПМСП.

Исходя из вышесказанного ГРП МФ РТ проводит тендера по ниже заявленным пакетам и любезно просит заинтересованные компании/фирмы предоставить свои котировки на:

**1. Пакет 17 – Реабилитация учреждений ПМСП район Файзобод - Точикобод**

**2. Пакет 18 – Реабилитация учреждений ПМСП район Дусти**

**3. Пакет 19 – Реабилитация учреждений ПМСП район Восе.**

При подготовке коммерческого предложения фирмы должны руководствоваться прилагаемой формой, которую можно получить по указанному ниже адресу или по электронной почте с $9^{00}$ до $15^{00}$ по местному времени.

Котировки и другая дополнительная информация должны быть представлены по электронной почте или в печатном виде по указанному ниже адресу до $15^{00}$ 14 сентября 2022 года.

**Министерство финансов Республики Таджикистан**
**ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj Тел: (37) 221 06 91.**

# ВНИМАНИЕ К ПРЕДСТОЯЩЕМУ КОНКУРСУ!

**Проект «Раннему развитию детей для наращивания человеческого потенциала в Таджикистане», финансируемый Всемирным банком**

**Министерство финансов Республики Таджикистан объявляет конкурс на отбор по следующим позициям:**

**1. Районный инженер (района Дусти)**

Целью данной задачи является надзор за ходом и качеством работ по строительству/реконструкции и реабилитации в целевом районе для обеспечения достижения основных целей проекта в соответствии с документами проекта.

• Высшее образование в области строительства (инженер-строитель, архитектор);

• Не менее 7 лет профессионального практического опыта в строительстве медицинских/образовательных учреждений со стороны заказчика и подрядчика; аналогичный опыт в проектах, финансируемых международными организациями, является преимуществом;

• Сильная способность и опыт в понимании строительной документации для строительных работ (планировка, проектно-сметная документация);

• Сильные знания строительных норм и правил включая стандарты и процедуры для надзора за строительными работами;

• Знание правил и норм охраны окружающей среды и труда, техники безопасности, производственной санитарии и противопожарной защиты и т.д;

• Отличное владение компьютерными навыками MS Office (Word, Excel);

• Отличное знание таджикским и русским языками.

**Для ознокомления с техническим заданием пройдите по ссылке ниже:**

https://docs.google.com/document/d/11vWF0jvJG19GUNlAKKRyiPIvFUXu5OXu/edit?usp=sharing&ouid=107813077506385822003&rtpof=true&sd=true

**Кандидату необходимо предоставить следующие документы:**

• Подписанное и датированное заявление на русском или таджикском языке на имя Директора Проекта Маджиди Ю. Х. В строке темы заявки следует указать должность, на которую претендент претендует, и краткое обоснование его/ее квалификации на эту должность;

• Подписанное и датированное резюме (CV) на русском или таджикском языке с контактной информацией двух человек, которые могут дать рекомендации;

• Копия диплома, трудовой книжки и других документов, подтверждающих необходимую квалификацию;

• Копия сертификатов и благодарностей, если таковые имеются.

Крайний срок подачи документов - 14 сентября 2022 г $15^{00}$.

**Документы необходимо подавать в бумажном виде и по электронной почте по следующему адресу:**

**734025 Республика Таджикистан,**
**ул. Шероз 35, 7 этаж, Душанбе**
**(Офис ГРП РРД МФ РТ в здании МФ)**
**E-Mail: jobs.info@ecdp.tj**
**Тел: (37) 221 06 91.**

# SPECIFIC PROCUREMENT NOTICE

**REPUBLIC OF TAJIKISTAN**
**IMPROVEMENT OF WATER RESOURCES MANAGEMENT IN KHATLON REGION**
**Sector: Water Resources**
**PROCUREMENT OF WORKS**
**Mode of Financing: IsDB Loan**
**Financing No. TJK-1013**

**Contract Title:** Modernization of Irrigation Pumping Station - Kulyab-Daryo & Zhdanov

**ICB Reference No.** (as per Procurement Plan): IWRM/ICB/CW/3 (Lot-1,2)

1. The Republic of Tajikistan has received for financing from the Islamic Development Bank (IsDB) toward the cost of the Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project, and intends to apply part of the proceeds toward payments under the contract for Modernization of Irrigation Pumping Stations - Kulyab-Daryo & Zhdanov (Lot-1,2).

2. The Agency for Land Reclamation and Irrigation under the Government of the Republic of Tajikistan now invites sealed bids from eligible bidders for Modernization of Irrigation Pumping Station - Kulyab-Daryo & Zhdanov with the completion period of 18 months. Qualification requirements:

The Bidder must demonstrate:

It has sufficient to meet the construction cash flow requirements estimated as Lot-1 **USD 460 000.00 (four hundred sixty thousand USD) and for Lot-2 USD 330 000.00 (three hundred thirty thousand USD)** for the subject contract(s) net of the Bidders other commitments;

Minimum average annual turnover of **Lot 1 - USD 2 100 000.00, (two million one hundred thousand US dollars) and Lot 2 - USD 1 500 000.00, (one million five hundred thousand US dollars)** calculated as total certified payments received for contracts in progress or completed, within the last three (3) years;

Experience in supply and installation of a pump with an impeller Dk = 460mm, (pump impeller made of stainless steel) capacity $2000m^3$ / hour head-8.0m, speed 750 rpm with electric motors N = 55.0kW of asynchronous, U = 0.4kV n = 750.0rpm, taking into account the factory frame and preparation of machines for testing, delivery for commissioning and start-up networks; Experience in supply and installation of a horizontal vacuum pump, Q = $12.0m^3$ / min, n = 1000rpm with electric motors with a power of N = 30kW, voltage U = 220 / 380V; Experience in supply and installation of valves ø400 mm, P= 1,0 Mpa with an electric drive with a power of N = 1.5 kW; Experience in construction of pumping station building.

3. Bidding will be conducted through the International Competitive Bidding (ICB) procedures as specified in IsDB's Guidelines: Procurement of Goods, Works and related services under Islamic Development Bank Project Financing (April 2019) ("Procurement Guidelines"), and is open to all eligible bidders as defined in the Procurement Guidelines. In addition, please refer to paragraphs 1.18 -21 setting forth IsDB's policy on conflict of interest.

4. Interested eligible bidders may obtain further information from Project Implementation Unit and inspect the bidding documents during office hours 09:00 to 17:00 hours at the address given below:

Project Implementation Unit "Improvement of Water Resources Management in Khatlon Region Project"

Attn: Mr. Murodali Rakhmatzoda, PIU Director

10, Bohtar Str., 3rd floor, 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan

Telephone: +992 372 2278739

Facsimile number: +992 372 2278786

Electronic mail address: piu_dvip@mail.ru

5. A complete set of bidding documents in English may be purchased by interested eligible bidders upon the submission of a written application to the address above and upon payment of a nonrefundable fee of US$50 or equivalent in local currency.

The method of payment will be by direct deposit to the following accounts:

Beneficiary: PIU "Dangara Valley Irrigation"

Address: 10 Bokhtar Str., 3rd floor, 734025, Dushanbe, Tajikistan

USD account 20206840400826101000

TJS account in SSB "Amonatbonk " - 20202972502353101000

Correspondent Account: 20402972316264

TIN: 010013148

BIC: 350101626

SWIFT code "ASSETJ22"

The document will be sent by email in PDF format or provided in hard copy upon request.

6. Bids must be delivered to the address below on or before **October 17,** 2022, $15^{00}$ (Dushanbe time). Electronic bidding will not be permitted. Late bids will be rejected. Bids will be publicly opened in the presence of the bidders' designated representatives and anyone who choose to attend at the address below **October 17,** 2022, $15^{00}$ (Dushanbe time).

7. All bids must be accompanied by a "Bid Security" in the amount of:

Lot 1: 41 460.00 USD; and

Lot 2: 29 220.00 USD

8. The address(es) referred to above is(are):

**State Committee for Investment and State Property Management of the Republic of Tajikistan**
**Street Address: 27, Shotemur Street**
**Floor/Room number: 10**
**City: Dushanbe**
**Tel/Fax: (+992 37) 2218384**
**Web site: www.gki.tj**

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ ҶДММ «Беҳзод», ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии таъсисёбии 0107791 бо РЯМ 0210011029 ва Иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатӣ бо РМА 020033065-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 16 июли соли 2010 додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии А 01443800-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Файзобод ба Гурезова Боғигул додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии № А00252036-и гумшуда, ки онро ШВКД дар шаҳри Ваҳдат 3 марти соли 2015 ба Сайёраи Ҳусейн додааст, эътибор надорад.

✓ Диплом силсилаи ДТО № 0219205 бо рақами бақайдгирии 241-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ соли 2018 ба Ҳусайнов Диловар Баротович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникӣ барои ҳавлидорӣ бо рақами инвентарии 02/864 ва рақами нархнома (ҳисоб)-и 02/902 - и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ дар ноҳияи Рӯдакӣ» 20 майи соли 2022 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Адолат ба Абдураҳимова Арофат додааст, эътибор надорад.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Хушном», ки дорои Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бо силсилаи U04 № 001253, РЯМ 0210005923, РМА 040024710 буда, Кумитаи Раёсати андози шаҳри Душанбе 16 августи соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

✓ Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин метавонед хабару гузориш ва матолиби мукаммалу таҳлилиро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Конститутсия - кафолати ҳуқуқи ҷомеаи демократӣ ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Тилло Неккадамов, Абдумаҷид Муродов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд- 92-773-28-76, водии Зарафшон - 93-439-88-38, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17.
МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ: www.sadoimardum. tj ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 17 марти соли 2019 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 122/РЗ - 97

Ба чопаш 31 августи соли 2022, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 33455 нусха

Навбатдори шумора Ҳ. Тоҳирӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров